Ба Шӯрои дисертатсионии **6D.KOA-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov – 1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати дисертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдулғаффор дар мавзӯи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.02- Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамасола аҳолии мамлакат 2,0-2,5 фоиз зиёд шуда истодааст ба замми он заминҳои кишоварзӣ ба сари ҳар як аҳолии мамлакат сол аз сол кам шуда истодааст. Онро ҳам бояд ба инобат гирифт, ки соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ҳангоми сармоягузорӣ онро бояд ба назар гирифт. Муаллиф дар автореферат самтҳои асосии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзиро бо назардошти қонунҳои умумииқтисодӣ таҳлил намуда, самтҳои асосии самаранок истифодабарии онро пешниҳод намудааст.

Таъминоти аҳолӣ бо озуқаи истеҳсоли худӣ, дастрасии он ва сифати маҳсулоти озуқа ба соҳаи кишоваврзӣ мутааллиқ аст. Таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки соҳаи кишоварзии мамлакат 55-65 фоизи таъминоти аҳолӣ бо озуқаи соҳаи растанипарварӣ ва 20-25 фоизи соҳаи чорводорӣ таъмин менамояд.

Диссертант дар автореферат ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ, қазияҳои он, методологияи ҷалби сармоя, роҳҳои ҳалли гарав ҳангоми ҷалби сармоя ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармояро таҳлил намудааст.

Қобили қабул аст, ки методологияи муаллиф оид ба истифодаи фонди истеҳлок ва лизинги техникаи кишоварзӣ дар такрористеҳсоли кишоварзӣ хело муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки диссертант Исматуллозода Б. А. дар атореферат ҷанбаҳои амалии истифодаи самараноки сармояҳоро таҳлил намуда, дар асоси он самтҳои асосии самаранок истифодабарии онҳоро пешниҳод намудааст.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад ва натиҷаҳои он асосан механизми ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ қобили қабул аст.

Дар автореферати диссертатсия истифодаи маъмули таҳқиқот инндуксионӣ, гурӯҳбандии оморӣ, математикӣ ва дигарҳо ба назар

мерасад, ки онҳо ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқ мебошад.

Нигоҳ накарда ба ҷанбаҳои мусбии автореферат дар он баъзе камбудиҳо ҷой доранд:

- хуб мешуд, ки дар он баъзе ҷанбаҳои дастгирии давлатии ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ пурратар баррасӣ мешуд.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

Аз автреферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллозода Баҳром Абдуғаффор дар мавзӯи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаалифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02- Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Директори Институти илммию таҳқиқотии
сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ Иброҳимзода И. Р.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Иброҳимзода И. Р.-ро тасдиқ
менамоям. Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои
ИИТСС ДБССТ Қурбонов Э.